20 A | Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

آوازتاجیک

# Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

23 майи соли 2020.
Шанбе
№ 32 (14631)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz,
ovozi@list.ru

# АНДИҶОН ДАР РОҲИ ТАРАҚҚИЁТИ МИЛЛӢ МАЙДОНИ МУНОСИБАТҲОИ НАВ ВА ИСЛОҲОТИ ЗАМОНАВӢ МЕГАРДАД



**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 21-22 май бо мақсади шиносоӣ бо ҷараёни ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ ва лоиҳаҳои бузург дар маҳалҳо, мулоқот бо халқ аз вилояти Андиҷон боздид ба амал овард.**

Рӯзи дуюми ташриф Президент дар шаҳри Андиҷон бо иштироки ҳокимони вилоят ва ноҳияҳо, роҳбарони соҳаҳои иқтисодиёт ҷамъомад баргузор намуд.

Дар ҳоле ки инқирози ҷаҳонӣ ба туфайли пандемияи коронавирус ба ҷомеаи байналхалқӣ таҳдид эҷод менамояд, ҳар як мамлакат роҳҳои раҳоӣ гардидан аз ин вазъиятро меҷӯяд. Ин озмоиш, ки дар тамоми халқҳо боиси ташвиши зиёд гаштааст, бар замми ин офатҳое, ки дар вилоятҳои Бухоро ва Сирдарё ба вуқӯъ пайвастанд, иродаи мардонаи халқамонро шикаста натавонист. Ҳамдиёронамон дар вазъияти хеле мураккаби имрӯз дар назди хатари муқаррар даступо нахурда, боз ҳам муттаҳид гардида, дар роҳи рушд додани соҳаҳои иқтисодиёт барои татбиқи ислоҳоти мунтазам дар роҳи барпо намудани шароити кафолатноки ҳаёт, ки давлатамон барои фардо бунёд менамояд, камари ҳиммат мебанданд.

Дар вилояти Андиҷон низ дар ҷараёни зина ба зина аз низоми карантини коронавирус баромадан оид ба пурра роҳандозӣ намудани иқтисодиёт, таъмини шуғл ва даромади аҳолӣ, кӯмак ба эҳтиёҷмандон ва коҳиш додани камбағалӣ чорабиниҳои бонизом муқаррар гаштааст. Дар ҷамъомад бо риояи пурра ба талаботи карантин дар бобати идома додани корҳо дар самти мазкур муносибат ва вазифаҳои нав муҳокима гардиданд.

Роҳбари давлат дар ибтидои сухан ҳамаро бо иди Рамазон табрик намуд.

– Вақт бошиддат мегузарад. Ҳар як рӯз, ҳар як дақиқа ғанимат аст. Бо сабаби пандемия бисёр соҳаҳо аз кор монд ва дар натиҷа дар хонаводаҳо душвориҳо ба вуқӯъ пайвастанд. Сарфи назар аз карантин, бо машварат бо халқамон бароиояндаамон зудтар нақша накашем, фардо дер мешавад, – гуфт Президент.

Ба масъалаҳои рушди соҳаҳои иқтисодиёт, коҳиш додани сатҳи камбизоатӣ, ташкили ҷойҳои корӣ таваҷҷуҳи асосӣ зоҳир карда шуд. Қайд гардид, ки дар вилояти Андиҷон зиёда аз 40 ҳазор оилаи камбизоат мавҷуд аст, ки барои онҳо бояд тавассути татбиқи лоиҳаҳои саноатӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ ва боғдорӣ, тиҷорати оилавӣ, ҳунармандӣ ва худкорӣ манбаъҳои даромад ба вуҷуд оварда шаванд.

— Муовинони сарвазирон, ҳокимон ва роҳбарони секторҳо бояд мушкилоти ҳар як оилаи камбизоатро донанд ва бо онҳо мақсаднок кор кунанд, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Минбаъд дар ҳар як сектор «Ситоди паст кардани сатҳи камбизоатӣ» ташкил карда мешавад. Ба ин ситодҳо намояндагони идораҳои иқтисодиёт, молия, меҳнат, сармоягузорӣ, мақомоти андоз ва бонкҳо вобаста карда мешаванд. Музди меҳнати онҳо аз натиҷаҳои бадастомада вобаста хоҳад буд. Мақомоти андоз на тафтишкунанда, балки ёвари андозсупоранда мешаванд.

– То ба имрӯз бо рақамҳои оморӣ самти дуруст муайян карда нашуд, халқамон аз ин ҳеҷ нафъе надид. Пешниҳодҳо бояд аз маҳалҳо, аз худи мардум бароянд. Вазирон, роҳбарон бояд на дар идора, балки бештар дар минтақаҳо, деҳаҳои дурдаст кор кунанд. Роҳбаре, ки дар чунин вазъияти душвор фидокорӣ зоҳир намекунад, хоин мебошад. Шумо барои халқ маош мегиред. Агар хизматчии давлатӣ ба мардум ҳар қадар наздик бошад, ҳамон қадар натиҷаҳои бештар дар маҳалҳо ба даст оварда шуда, принсипи адолат таъмин карда мешавад, — таъкид кард Президент.

Дар ҷамъомад чораҳо оид ба созмон додани корхонаҳои нав ва зиёд гардондани ҷойҳои корӣ дар вилоят батафсил баррасӣ шуданд.

Соли ҷорӣ оид ба 789 лоиҳа ба миқдори 7 триллион сӯм сармоя азхуд карда шуда, ташкили 42 ҳазор ҷойҳои корӣ ба нақша гирифта шудааст. Дар соҳаи бофандагӣ 13 лоиҳаи арзиши умумиаш 106 миллион доллар татбиқ гардида, сатҳи коркарди нах ба 78 фоиз расонда шуда, содирот ба 278 миллион доллар таъмин карда мешавад.

Дар саноати масолеҳи бинокорӣ дар тӯли солҳои 2020-2021 дар натиҷаи татбиқи 74 лоиҳа истеҳсоли маҳсулоти содиротивазкунанда ба маблағи 106 миллион доллар ба роҳ монда мешавад.

Барои дастгирии соҳибкории оилавӣ ҷудо намудани 353 миллиард сӯм вом, аз Фонди таҷдид ва рушд ҷудо кардани 20 миллион доллар пешбинӣ шудааст.

Оид ба истифодаи самараноки биноҳои холӣ, рушди соҳаи кишоварзӣ, васеъ ва мақсаднок ба аҳолӣ омӯзондани беш аз 60 намуди касб супоришот дода шуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар ҷамъомад ба масъалаҳои беҳтар кардани шароити зиндагии мардум, рушди инфрасохтор дар вилоят эътибори махсус дод.

Дар соли ҷорӣ дар вилоят 6 ҳазору 196-то – нисбат ба соли гузашта ду баробар бештар иморат сохта мешавад. Аз он ҷумла «Қишлоққурилишинвест» 45 иморати панҷошёна, «Ӯзшаҳарқурилишинвест» дар шаҳри Андиҷон чорто иморати арзони 16 ошёна месозанд.

Роҳбари давлат таъкид кард, ки низоми нави дастгирии оилаҳои ба манзил эҳтиёҷмандро ҷорӣ намуда, зарурати ба 819 оилаи вилояти Андиҷон ҷудо намудани субсидро зикр кард.

Соли ҷорӣ бо назардошти талаботи урбанизатсия ва вуҷуд доштани инфрасохтор дар ҳар як ноҳия лоиҳаи сохтмони дутоӣ қишлоқҳои замонавӣ аз Андиҷон сар мешавад. «Деҳаи замонавӣ» масканест, ки дар он иморатҳои бисёрошёна сохта шуда, объектҳои инфрасохтор мавҷуд буда, барои аҳолӣ тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Иморатҳое, ки бино бар лоиҳаи «Деҳаи замонавӣ» сохта шудаанд, аз иморатҳое, ки дар доираи барномаҳои дигар сохта шудаанд, бо нархи арзони худ фарқ мекунанд.

Соли ҷорӣ сохтмон ва таъмири 642 километр роҳ ва 85 километр шабакаи таъминоти оби нӯшокӣ ба нақша гирифта шудааст.

Оид ба баланд бардоштани сифати таълим, аз синфи 7 сар карда ба касби дилхоҳашон равона намудани хонандагон супоришот дода шуданд. Ин дар таъмини шуғли ояндаи хатмкунандагон нақши муҳим мебозад.

– Маро аз ҳама бештар масъалаҳои ҷавонон ва занон ба ташвиш мегузорад. Онҳо ба дастгирӣ ва таваҷҷӯҳ ниёз доранд. Агар онҳо дониш, касбу ҳунар дошта бошанд, дар ҳаёт ҷои худро пайдо мекунанд ва ҷаҳонбиниашон тағйир меёбад. Он гоҳ падару модар, оила аз давлат қаноатманд хоҳанд гардид, — гуфт Шавкат Мирзиёев.

Роҳбари давлат таъкид намуд, ки бо назардошти талаботи бозори меҳнати вилоят, бо суръати тез афзудани соҳаҳои соҳибкорӣ ва инфрасохтори сохтмони ҳудуд зарур аст, ки Институти иқтисодиёт ва сохтмони Андиҷон ташкил гардида, аз соли ҷорӣ қабул намудан ба он шурӯъ гардад.

Ғайр аз ин дар пойгоҳи филиали Донишгоҳи давлатии аграрии Тошканд Донишкадаи хоҷагии қишлоқи Андиҷон ташкил гардида, бинобар он вазифаҳо дар бобати тарбияи кадрҳои қобили рақобат барои соҳаи аграрии вилоят муайян гардиданд.

Агарчи соҳаи сайёҳӣ ба туфайли коронавирус таваққуф намудааст, дар ҷиҳати афзудани бо кор фаро гирифтани аҳолӣ ва зиёд намудани даромади он ин соҳа яке аз самтҳои муҳим ба шумор меравад. Дар ҷамъомад таъкид ёфт, ки барномаи сайёҳии дохилии вилоят таҳия гардида, дар доираи он аз ҳудудҳои дигар ташкил намудани сайёҳии дохилӣ ба вилоят зарур мебошад.

Пешниҳод гардид, ки шаҳри Хонобод ба маркази сайёҳии водии Фарғона табдил дода шавад. Бо ба инобат гирифтани вуҷуд доштани чашмаҳои оби маъдании зеризаминии ин шаҳр, 10 гектар замин ҷудо намуда, ба вуҷуд овардани тамғаи оби маъданӣ ва санаторияи сиҳатгардонӣ ташкил намудан ба нақша гирифта шуд.

Дар бобати масъалаҳои ривоҷ додани маданият ва технологияи ахбор, ҷилавгирии ҷинояткорӣ таваққуф гардид.

Дар ҷамъомад муовинони Сарвазир, роҳбарони соҳаҳо ҳисобот доданд. Аз тариқи видеоалоқа фикри ҳокимони ноҳияҳо ва фаъолон шунида шуд.

Президент Шавкат Мирзиёев худи ҳамон рӯз бо сохтмони биноҳои бисёрошёна дар ноҳияи Хӯҷаободи вилояти Андиҷон шинос шуд.

Аҳолии вилояти Андиҷон 10 фоизи нуфуси мамлакатамон, ҳудудаш бошад, 1 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, бобати сохтани хонаҳои бисёрошёна дар ҳудудҳои адир, бо ин васила қонеъ гардондани эҳтиёҷоти торафт афзудаистодаи аҳолӣ чораҳо андешида мешаванд.

Дар мавзеи Иттифоқи ноҳияи Хӯҷаобод 35 манзили бисёрошёна сохта мешавад. Онҳо ба оилаҳои ба хонаву ҷой эҳтиёҷманди шаҳри Андиҷон, ноҳияҳои Андиҷон, Хӯҷаобод, Булоқбошӣ ва Ҷалақудуқ дода мешаванд.

Инчунин, дар ин ҷо мактаб, коргоҳи дӯзандагӣ ва маҷмӯи варзишӣ сохта мешавад.

Роҳбари давлат камбудиҳои дар корҳои сохтмон ҷойдоштаро нишон дод. Вай қайд кард, ки бунёди манзилҳо дар чунин ҷойҳо дар мамлакатамон таҷрибаи нав мебошад, зарур аст, ки онҳо мувофиқи стандартҳои байналмилалӣ пухтаву хушсифат сохта шаванд.

Оид ба такмил додани лоиҳа, ба вуҷуд овардани хатсайрҳои нақлиётӣ барои аҳолӣ супоришот дода шуданд.

Бо ҳамин ташрифи Президент Шавкат Мирзиёев ба вилояти Андиҷон ба охир расид.

**Матназар ЭЛМУРОДОВ,**
**Зиёдулла ҶОНИБЕКОВ,**
**Фахриддин УБАЙДУЛЛАЕВ,**
**мухбирони махсуси ӮзА.**

**Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

**Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ ИЛОВАГӢ ОИД БА ТАЪМИНИ МУВОФИҚАТИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ СИФАТ ВА БЕХАТАРИИ МАҲСУЛОТИ КИШОВАРЗӢ БА АНДОЗАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Дар солҳои охир оид ба истифодаи самараноки захираҳои обу замин, афзоиш додани ҳаҷми истеҳсолот ва васеъ кардани ҷуғрофияи содироти маҳсулот пайваста ислоҳот татбиқ мегарданд.

Дар солҳои 2016-2019 маҷмӯи умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ – 171,2 фоиз, аз он ҷумла, меваву сабзавот – 172,6 фоиз, чорводорӣ – 170 фоиз, ҷангал ва моҳипарварӣ – 177,5 фоиз зиёд гардид.

Афзоиши ҳаҷми содироти меваву сабзавот – ба зиёда аз 1,4 миллион тонна расонда шуд, ки нисбат ба соли 2016-ум 1,5 баробар зиёд аст.

Ҳамзамон, афзудани талабот, ки барои сифат ва бехатарии маҳсулот дар бозори ҷаҳонӣ пешниҳод мегарданд, андешидани чораҳои иловагиро барои мустаҳкам намудани мавқеи маҳсулоти дар ҷумҳурӣ рӯёндашаванда дар бозорҳои ҷаҳонӣ тақозо менамояд.

Бо мақсади рушди истеҳсоли маҳсулот дар ҷумҳурӣ, системаи танзим ва мувофиқат дар асоси талаботҳои байналмилалии **Organic ва Global G.A.P.,** беҳтар намудани нишондиҳандаҳои сифат ва бехатарӣ, густариши ҷуғрофияи содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал, инчунин зиёд кардани имконияти истифодаи пурраи потенсиали истеҳсоли маҳсулоти органикӣ дар кишвар:

1. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

**Консепсияи рушди истеҳсоли маҳсулоти органикии кишоварзӣ ва органикии хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон** (минбаъд – Консепсия) тибқи **замимаи №1**;

(Давомаш дар саҳ.2).

**Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**

## ДАР БОРАИ ТАҶЛИЛИ ИДИ РАМАЗОН

Моҳи муқаддаси Рамазон, ки моҳи хайрхоҳӣ, саховат ва меҳрубонӣ аст, имсол бар асари пандемияи коронавирус дар мамлакатамон дар хона, дар ҳалқаи оила, дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ризоият муносиб гузаронда мешавад. Халқи аз озмоишу мушкилоти гуногун гузашта, боз ҳам қавитар ва тавонотар шуда, Иди муқаддаси Рамазонро бо шодии бузург ва эътимоди қавӣ ба оянда истиқбол мегирад.

Бо назардошти нақши ин ҷашни бузург дар ҳаёти маънавии халқи мо, аҳамияти он дар тасдиқи чунин сифатҳо дар ҷомеа, мисли саховатмандӣ, сипосгузорӣ ва меҳрубонӣ, инчунин ба мақсади ҳифз ва баланд бардоштани арзишҳои миллӣ ва динӣ:

1. Бо назардошти қарори Идораи мусулмонони Ӯзбекистон дар бораи дар соли 2020-ум ба 24 май – якшанбе рост омадани рӯзи якуми иди Рамазон 24 майи соли 2020 дар кишварамон ба сифати иди Рамазон ҷашн гирифта шавад.

2. Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд якҷоя бо Вазорати дастгирии маҳалла ва оила, Кумитаи оид ба корҳои дини назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ оид ба тибқи анъанаҳои милливу мазҳабии халқамон, бо риоя намудан ба талаботи карантин гузарондани иди Рамазон чораҳои дахлдор амалӣ намоянд.

3. Ба Ширкати миллии телевизион ва радиои Ӯзбекистон, Агентии миллии ахбори Ӯзбекистон ва воситаҳои ахбори оммавии дигар тавсия дода шавад, ки чорабиниҳои марбут ба таҷлили Иди Рамазонро васеъ равшан намоянд.

4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ӯзбекистон А.Н. Арипов вогузор карда шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон**
**Ш.МИРЗИЁЕВ**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*21 майи соли 2020.*

## ШАРҲ

### ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки муҳлати ҷазоро адо мекунанд, аз кирдори худ сидқидилона тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ гузаштаанд»

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар арафаи таҷлили Иди муқаддаси Рамазон ҳамчун зуҳуроти равшани чунин сифатҳои неки халқи мо, мисли меҳру оқибат, олиҳимматӣ, башардӯстӣ ва меҳрубонӣ ба Фармон «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки муҳлати ҷазоро адо мекунанд, аз кирдори худ сидқидилона тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ гузаштаанд» имзо кард. Мувофиқи фармон дар асоси банди 23 моддаи 93-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Ӯзбекистон **258** шаҳрвандоне, ки муҳлати ҷазоро барои содир кардани ҷиноят адо менамоянд, аз кирдори худ сидқидилона тавба кардаанд ва қатъиян ба роҳи ислоҳ даромадаанд, афв карда шуданд.

**16** нафари афвшудагон аз адои ҷазои асосӣ пурра озод карда шуданд, **101** нафар аз адои ҷазо шартан пеш аз мӯҳлат озод карда шуданд, ҷазои ба **24** нафар таъиншуда бо ҷазои сабуктар иваз карда мешавад. Илова бар ин, муҳлати ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ, ки нисбати **117** нафар таъин шудааст, кам карда мешавад.

Дар байни омурзидашудагон **7** нафарашонро мардони синнашон аз 60 боло, **1** нафар зан, **7** нафарашон шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, **164** нафарашонро шахсоне, ки дар фаъолияти ташкилотҳои манъшуда иштирок кардаанд, ташкил медиҳанд.

Дар доираи татбиқи Фармон ба вазорату идораҳои масъул супориш дода шуд, ки бинобар ба ҳалқаи оила ва хешовандон баргаштан, дар мутобиқшавии иҷтимоӣ, машғул шудан бо корҳои муфид, интихоби тарзи ҳаёти солим ва дар ҷомеа мавқеи сазовор гирифтани онҳо кӯмак расонанд.

**ӮзА.**

# ЁРИИ БАШАРДӮСТОНАИ ТУРКИЯ БА ӮЗБЕКИСТОН

***Бори инсонпарваронае, ки аз ҷониби Ҷумҳурии Туркия тақдим гардид, бо киштии ҳавоии ширкати «Uzbekistan airways» ба Тошканд расонда шуд.***

Аз тариқи самолёте, ки бо хати «Истанбул – Тошканд» парвоз мекунад, ёрии башардӯстона дар аэропорти байналхалқии Тошканд ба номи Ислом Каримов аз ҷониби ходимони масъули Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва вакилони сафоратхонаи Туркия дар мамлакатамон пешвоз гирифта шуд.

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Туркия Реҷеп Тоййип Эрдуғон зимни суҳбати телефонӣ 22 апрели соли ҷорӣ дар бобати мубориза бар зидди бо шиддат паҳн гардидани хатари ҷаҳонӣ – инфексияи коронавирус боз ҳам муттаҳид гардиданро дастгирӣ намуда буданд.

Ба туфайли иродаи қатъии роҳбарони давлатҳо дар ҳоле ки муносибатҳои тарафайн ба қуллаи баланд баромадааст, ҳамчунин ҳамкорӣ аҳамияти фавқулодда муҳим касб менамояд. Зеро ҳамбастагии мо дар замони тамоми ҷаҳонро ба ларзиш овардани пандемияи коронавирус боз як натиҷаи амалии муоҳидаи байни сарони мамлакатҳоямон зоҳир гардид.

50 дона дастгоҳи васила нафаси сунъии шуш, ки дар Туркия истеҳсол гаштааст, дар навбати аввал ба эҳтиёҷмандтарин нуқтаҳои ҷумҳурӣ паҳн карда мешавад. Дастгоҳи мазкур дар асоси стандартҳои байналхалқӣ озмуда шуда, барои ба ҳаёти солим баргардондани беморҳои намуди вазнини маризи коронавирус мадад мегардад.

– Дар ҳоле ки дар тамоми ҷаҳон вазъияти мураккаб ба вуҷуд омадааст, кӯмаки ҳамдигари ду мамлакати бародар, дастгирӣ намудани якдигар ҳолати табиӣ аст, – гуфт намояндаи сафоратхонаи Ҷумҳурии Туркия дар мамлакатамон хонум Айбуке Эҳсен Турон. – Зеро ки дар рӯзҳои сахт дасти мадад дароз кардан хоси табиати халқҳоямон мебошад. Чунин кӯмаки Туркия мисли дастгоҳҳои тиббӣ мисоли равшани фикрҳоямон мебошад.

Бино ба фикри мутахассисон, дастгоҳи нафаси сунъии шуши истеҳсоли Туркия нисбат ба чунин дастгоҳҳои дигар молики сифати баланд буда, барои беморони тамоми синну сол муқаррар гаштааст.




Пештар бо мақсади дастгирӣ намудани муборизаи босамар бар зидди эпидемия Туркия ба Ӯзбекистон василаҳои ҳимояи шахсӣ – 50 ҳазор дона ниқоби тиббӣ ва 200 ҳазор либоси махсусро чун кӯмаки башардӯстона фиристода буд.

**Ғайрат ХОННАЗАРОВ,**
**мухбири ӮзА.**
**Суратгир: М. АМИН (ӮзА).**

# ҲИММАТИ БАРОДАРОНИ ТОҶИКИСТОНӢ

***Барои бартараф сохтани фоҷиаи обанбори Сардоба нафақат мардуми вилоятҳои гуногуни Ӯзбекистон, балки кишварҳои ҳамсоя низ кӯмак мерасонанд.***

Ёрии навбатии инсонпарварӣ, ки аз 45 вагон масолеҳи бинокорӣ иборат буд, аз Тоҷикистони бародарӣ омада расид. Қатораро Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Содиқ Имомӣ, муовини раиси Кумитаи давлатии вазъиятҳои фавқулодда ва ҳимояи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-лейтенант Рустами Шоҳиён, муовини раиси ҳукумати вилояти Суғд Анвар Яъқубӣ ва дигар вакилони ҳайати расмӣ то истгоҳи роҳи оҳани Гулистон оварданд.

Меҳмононро дар истгоҳи роҳи оҳани шаҳри Гулистон бо сардории ҳокими вилояти Сирдарё Ғафурҷон Мирзоев, прокурори вилояти Сирдарё, сардори садорати гумруки вилоят, ҳокими шаҳри Гулистон ва дигарон пешвоз гирифтанд.

Аз вагонҳо 3 ҳазор тонна семент, 61 тоннаю 200 килограмм мех, 67 тонна ранг, 10 ҳазор дона шифер ва дигар намудҳои масолеҳи бинокорӣ ба анбори истгоҳи роҳи оҳани Гулистон фуроварда шуд. Рӯзҳои наздик бо истифода аз ин масолеҳ дар минтақаи офатзада боз чанд хона қад рост хоҳад кард.

**Т. БОҚИЕВ,**
**хабарнигори"Овози тоҷик" дар вилояти Сирдарё.**



*Исроил Қурбонови тирмизӣ бо шарти пардохти 9 фоиза соли 2017 аз бонк 30 миллион сӯм кредити имтиёзнок гирифта, фаъолияти соҳибкориашро оғоз карда буд.*

*Дар корхонаи хурди «Massaget servis», ки ӯ роҳбарӣ мекунад, дар бештар аз 10 навъ маҳсулоти мебел ва дуредгарӣ тайёр карда мешавад. Айни замон ин ҷо 5 нафар ба кор банданд. Якчанд ҷавононе, ки дар ин ҷо роҳу равиши касб омӯхтаанд, ҳоло ба сифати соҳибкори мустақил фаъолият пеш мебаранд.*

*Соҳибкор дар ҷараёни васеъсозии фаъолият аз бонк боз ду бор кредит гирифта, қисми асосиашро пардохт. Исроил Қурбонов барин ҷавонон, ки бо кӯмаки давлат фаъолият пеш мебаранд, дар диёрамон хеле зиёд. Дар симои онҳо сармоядорони калониояндаро мебинем, ки чун саховатпеша ном бароварда ва ҷойҳои нави корӣ ташкил менамоянд.*

***Дар сурат:*** *коргари корхона* ***Исмоил Қурбонов****.*

***Суратгир: Ҷ. ҚӮЗИМУРОДОВ (ӮзА).***

# ТАМСИЛҲО

## ВАФОДОРӢ

Фасли сармо фаро расида, тамоми талу теппаҳоро барф чун чодари сафед пӯшонида буд. Хунукии сарди тоқатфарсо ҳамоно ҳукмрон буд. Паррандаву чарранда, ҷонвару ҳашарот ҳама барои ҷон ба саломат бурдан, нишемане меҷустанд. Сардори кадоме аз ҷонварон фидоӣ ва ҷонкоҳ бошад, барои ҷони худ ва аҳли селаашро ба саломат бурдан, кӯшиш мекард. Маликаи оруи асал тамоми фикру зикраш барои эмин нигоҳ доштани селааш аз сармо ва душманони атроф шабу рӯз дар хизмат буд. Дӯстонашро эҳтиёт мекард. Мақсади асосӣ бо аҳли селааш ба баҳори зебо расидан ва аз накҳати гулҳои баҳорӣ нашъаманд шудан буд. Ҳар пагоҳӣ аз ҷой хеста, ба дӯстонаш мегуфт: – Ёрон, мо қавииродаем! Мо бояд устуворона ба якдигар ёрӣ расонем. Баҳори нозанин дар пеш аст. Аз ҳар гулу майса ва себаргаву оби ҷӯй мо захира мегирем. Ҳеҷ гоҳ худро афсурда накунед. Агар шумо афсурдагӣ гиред, ман нобуд мешавам. Оруи дигаре бо садои ларзони имдодталабона ба сухан оғоз кард:

– Мо қавми оруён ба шумо эҳтиёҷ дорем. Моро аз ин сармои хунуку душманони бадбахт наҷот диҳед. Шумо ҷасорати қавӣ доред. Мо ҳама дар иҳотаи шумо ҳастем ва аз фармону супоришҳоятон сар наметобем. Ҳамаи оруён баробар бо садои баланд мегуфтанд: «Фармону супоришҳоятон рӯйи чашм, ҳаргиз аз шумо дурӣ намеҷӯем». Яку якбора воқеаи мудҳише рӯй дод, ки умеди тамоми оруён зоеъ рафт...

Пагоҳии барвақт маликаи оруён чун ҳаррӯза барои ризқу рӯзӣ баромада рафту дигар барнагашт. Тамоми селаи оруён дар ҳарос афтода буданд. Охирин умедашонро аз даст доданд. Акнун танҳо хатари марг онҳоро таҳдид менамуд. Аз як тараф сармои хунуки тоқатфарсо, аз тарафи дигар бошад, бесарпаноҳиву тӯъмаи душманон шудан. Як оруи ҷавон, ки доим дастёри маликаи оруён буд, ба ҷустуҷӯи дӯсташ баромад. Охир бе ӯ зиндагӣ намудани ин оруи ҷавон номумкин буд. Ба ӯ хеле унс гирифта ва ба худаш идеал карда буд. Аз пешрафти кори малика хеле роҳат мекард. Худашро ҳатто як лаҳза бе малика тасаввур карда наметавонист.

Барфу борон бо ҳам мебориданд. Кас пеши роҳашро намедид. Оруи ҷавон гоҳ афтон, гоҳ хезон роҳ мерафт. Забонаш дар ҳалқаш хушк шуда буд. Маҷоли роҳ рафтанро надошт. Пеши чашмонашро сиёҳӣ гирифта буд. Лекин бо мақсади аз маликаи оруён дарак ёфтан, ба пеш ҳаракат мекард. Роҳ рафта - роҳ рафта яку якбора дар ҷояш шах шуда монд. Маликаи оруён, маликае, ки дар зиндагӣ такягоҳаш буд, рӯйи замин афтода дид. Осмон бар сараш фурӯ рафт. Гӯё қалбаш як лаҳза бозистод. Бо садои ҷонхарош фарёд зада худро ба рӯйи малика партофт. Аз садои ҷонкоҳи оруи ҷавон малика чашмонашро кушод ва бо садои паст гуфт:

– Селаро ба ту амонат месупорам.

– Ба шумо чӣ шуд? Ман ва дӯстонатонро ба кӣ партофта меравед?

Малика базӯр-базӯр пичирросзанон ба сухан оғоз намуд: – Бо сардори оруи зард рӯ ба рӯ шудам. Ӯ аз шиддати рашку ҳасад маро наш зад. Дигар ман наметавонам аз ҷой бархезам. Ман нобуд шуда истодаам. Ту зуд ба назди села баргард ва аз онҳо муроқибат кун. Дар дилам агар як зарра нури умед монда бошад, он ҳам туӣ. Тез баргард! Тезтар баргард!

Малика ин суханони вопасинро гуфту чашмонашро абадӣ пӯшид... Оруи ҷавон низ аз таъсири хунукӣ ва доғи бой додани дӯсташ дар ҳамон ҷо ҷони худро аз даст дод. Аз селаи бесарпаноҳмондаи оруҳо дарак набуд... Баҳорон шуд, боз гулҳо шукуфтанд, боз оруҳои дигар барои макидани шаҳди гулҳо омаданд, лек афсӯс, аз ин селаи бамеҳру оқибат, содиқ ба маликаи хеш дарак набуд. Маълум шуд, ки ҳама дар сардии зимистону гуруснагии тоқатфарсо нобуд шуда буданд.

## ШАМШОД

Боғе бо зебоӣ дар доманаи кӯҳ, дар назди чашмаи оби софу зулол қомат афрохта буд. Дарахтони гуногун дар ин боғ нашъунамо доштанд. Ҳамаи онҳо ба таври худ зебову хушнамо менамуданд ва шоху баргҳояшонро низ ба ҳар тараф паҳну парешон карда буданд. Вале дар байнашон дарахти шамшод аз ҳама баланду мавзун буд. Қадаш он қадар рост нашъунамо меёфт, ки ягон каму костӣ надошт. Зебоияш чашми бинандаро зуд ба худ ҷалб мекард. Паррандагони хушхон ба шохаҳои он нишаста, нағмасароӣ мекарданд. Дар баландтарин шохи дарахти шамшод лона мегузоштанд. Тамоми оламро аз боло назорат мекарданд. Дарахтони дигари боғ ҳам мехостанд мисли шамшод баланду зебо шаванд, аммо ба ин орзуяшон намерасиданд. Бинобар ин аз ӯ маслиҳат пурсиданд. Шамшод гуфт:

– Аз навниҳолӣ росткору ростгуфториро пеша кунед, дӯстон!

## МАҶНУНБЕД

Субҳи баҳори деҳа чӣ манзараи дилфиребест! Шилдирроси оби ҷӯй чун суруди нотамоми зиндагӣ ба гӯш мерасад. Қад-қади ҷӯй дарахтони зиёде рӯ ба боло нашъунамо мекунанд. Ҳар яке мехост зебоии худро ба якдигар муаррифӣ кунад. Аз насими атрогини табиат, гоҳ ба ин тараф ва гоҳ ба он тараф бо нозу ишва ҳаму рост мешуданд. Танҳо маҷнунбед бо сари хам месабзад ва ба камол мерасад. Кас гумон мекунад, ки вай гуноҳи азиме кардаасту акнун барои сар бардошта ба атрофиён нигоҳ кардан шарм медорад. Вале ҳаргиз чунин нест. Балки вай ба модари худ, ба наздикону ёру дӯстони худ – ба Замин таъзим мекунад.

**Саодат САНГИНОВА,**
*ноҳияи САРИОСИЁ.*

Аз саҳифаҳои таърих

# ЧАҲОР НОМАИ БЕЗАВОЛ

Тақрибан 20 сол қабл аз ин чаҳор номае, ки аз майдони ҳарб дар солҳои 1941-1942 аз номи иштирокчии ҷанг Саидмурод Музаффаров омада буд, ба дасти ман расид. Онро омӯзгор Насиба Юсупова (Худо ба раҳматаш гирифта бошад) ба дасти ман супориданд, то ин ки дар саҳифаҳои матбуот эълон намоям.

Воқеан, дар солҳои 2009, 2011 ва 2018 дар саҳифаи рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Ховар» ва «Сариосиё» дар бораи таърихи ин номаҳо чанд мақолаи ҷолиб низ чоп намуда будам.

Инак, ин мактубҳои пурқимат умри 75-соларо доро мебошанд. Онҳо то ҳанӯз дар дасти ман маҳфузанд. Бояд гӯям, ки иштирокчии ҷанг Саидмурод Музаффаров баъди ба ҷабҳа рафтан танҳо чаҳор номае ба номи бародаронаш навиштааст ва баъдан аз ӯ ному нишоне наёфтаанд. Модари зори ин ҷанговар солҳои сол писари бо ҷон парвардаашро интизорӣ мекашад. То охири умраш аз гиря карданҳо дилаш об мегардад, вале ҳазор афсӯс, ки дигар аз ҷигарбандаш хату хабаре намеояд.

Назар ба нақли муаллима Насиба Юсупова модари зор гӯё наздик расидани марги худро медониста бошад, ба хонаи муаллима омада номаҳои амонатиро месупорад ва хоҳиш мекунад, ки онро то зиндааст, нигаҳ дорад. Агар аз қазо Саидмурод баргардад, ин мактубҳоро ба дасташ супорад.

Ҳамин тавр, ин чаҳор номаи безавол то ҳанӯз дар дасти ман маҳфуз аст. Дар ин чаҳор нома Саидмурод оид ба майдони ҳарб ҷалб намудани ҷанговарон, омодагиҳо, ёди Ватани ҷоноҷон нақл намуда, аз падару модари худ ҳазорон илтимос менамояд, то дуои нек намоянд. Рости гап, вақте кас ин номаҳоро варақ мезанад, беихтиёр ашк дар чашмон фарогир мешавад. Зеро номаҳо гӯё бо хуни дил ва ҳаяҷони баланд иншо гардида бошанд, дар ҳар як ҷумлаи онҳо иборaҳои «очаҷони мушфиқам», «падари ба ҷон баробарам», «бародарони азизам», «хешу таборони азиз», «қадрдонҳоям» ба назар мерасанд, ки касро ба андешаҳои дуродур мебарад. Бояд гуфт, ки ин чаҳор нома ҳам бо хати лотинӣ иншо гардидааст.

Дар хотима ҳаминро гуфтаниам, ки ният дорем ин чаҳор номаи безаволро ба ягон бойгонии таърихӣ супорем. Зеро то имрӯз аз ин ҷанговар ному нишоне пайдо нагардид, бигзор дар бойгонӣ номи ӯ ҳамеша зинда бимонад ва наслҳои оянда аз мазмуну моҳият ва қадри ин номаҳо огоҳ бигарданд.

**Солеҳ МУҲАММАДҶОН,**
*вилояти СУРХОНДАРЁ.*

Пас аз мутолиа...

# КИТОБ — ЧАРОҒИ ЗИНДАГӢ

***Дар байни мактабиёни Ҷопон оиди бузургтарин кашфиёти инсон дар таърих пурсиш гузаронда шуд. Хонандагон ҷавобҳоеро мисли оташ, муҳаррик, бомбаи атомӣ ва ғайра пешниҳод намуданд. Аъзои комиссия ҷавоби хонандаи синфи шашро, ки «Китоб – кашфиёти бузургтарин буд», бо як овоз пазируфтанд.***

«Пешниҳодҳои дигарон низ дуруст аст, аммо агар китоб намебуд, ягонтои онҳо кашф намешуданд», гуфт дар идомаи суханаш хонанда.

Воқеан, китоб кашфиёти беназир аст. Асре, ки ҳоло мо умр ба сар мебарем, баробари асри техника ва технология будан, асри пуртаҳлукаи иҷтимоиву сиёсӣ ва пур аз офатҳои табиӣ низ мебошад, ки ин ба донишмандиву нодонии инсон вобаста аст.

Касе, ки аз хурдсолӣ дар муҳити солим, дар дил меҳри китоб ба воя мерасад, меҳрубону хайрхоҳ хоҳад шуд. Аз ӯ ҷамъият танҳо нафъ мебинад. Дар торикиҳои зиндагӣ инсонҳои бомаърифат чароғи зиндагиянд.

Агар падару бобоёнамон пайи дарёфти китоб мушкилӣ кашида бошанд, ҳоло пайдо кардани китоби хуб корест мушкил. Имрӯз дар китобхонаҳо аз бисёрию рангорангии китоб саратон давр мезанад. Дар дӯконҳо китобҳое ҳастанд калонҳаҷму хурдҳаҷм. Аммо интихоби китоби хуб осон нест.

Аз як шиносам, ки китобдори коллеҷ аст, пурсидам: Ҷавонон чӣ гуна китобҳоро мутолиа менамоянд? Гуфт, ки хонандагон асарҳои детективӣ, қисса ва ҳикояҳоеро, ки ҳаёти имрӯзаро инъикос намудаанд, талабгоранд.

Чунин китобҳо ба ман филмҳои бадеии аз ҷиҳати мазмуну моҳият дар як қолаб офаридашударо ёдрас мекунанд: вақти тамошо диққат мекунед, дере нагузашта фаромӯш мешаванд. Мисли ҳамин дар мутолиаи баъзе китобҳо низ вақти хонанда беҳуда сарф мешавад.

Ба хонандагони ҷавоне, ки акнун ба мутолиа шурӯъ кардаанд, бояд калонсолон, хусусан падару модарон, сару бар шаванд. Тавре ки Нависандаи халқии Ӯзбекистон Ӯткир Ҳошимов гуфтааст, «Асаре бошад, ки бо гузашти солҳо хонанда онро аз нав бо ҳаяҷони зиёд ба даст гирад».

Ба фикрам, бо кадом забон офарида шудани асари бадеӣ аҳамияти аввалдараҷа надорад. Муҳим он аст, ки он ба хонанда ғизои маънавӣ бахшад, ҷаҳонбинии ӯро васеъ гардонад.

Асарҳои Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ойбек, Абдулло Қаҳҳор, Жюл Верн, Виктор Гюго, Мопассан, Робиндранат Тагор, Чехов, Расул Ҳамзатов..., ки хазинаи адабиёти ҷаҳонро ғанӣ гардонидаанд, осори хонданиянд.

Дар ташаккули нутқи хонанда мутолиа ҷойгоҳи хосса дорад. Дар вақти мутолиа бояд қаламу дафтари қайд омода бошад. Қайди санаҳои муҳим, сатрҳои пурҳикмату пурмаъно барои китобхони ҷавон фоидабахш аст.

Масалан, хонанда вақти мутолиаи романи «Фирдавсӣ»-и Сотим Улуғзода маълумотро оиди ҳаёти Фирдавсии бузург, таърихи навишта шудани «Шоҳнома», ҳаёти иҷтимоиву сиёсии даврони сомониёну ғазнавиён ба даст меорад, ки ин ҳам аз фанни адабиёт ва ҳам аз фанни таърих дониши ӯро мустаҳкам менамояд.

Яке аз дастовардҳои асари мазкур дар он аст, ки муаллиф аз андарзҳои халқӣ, панду насиҳати ниёгон бештар истифода бурдааст. Мисол: «Ҳар кӣ ба кони намак афтод, намак шуд», «Ҳар гоҳ ки кина роҳбари ақл шуд, ҳосилаш ба ҷуз дасисаву иҳонат нахоҳад буд», «Дузди манора аввал бояд чоҳ биканад», «Маёзор мӯре, ки донакаш аст, ки ҷон дораду ҷон ба ҳар кас хуш аст», «Ҷангҳои бедод кори шоҳони бехирад аст. Хирад бародари дод аст, ҳар ду бо ҳам тавъаманд, ҷое, ки хирад нест, дод нест», «... ҷаҳон чунин аст, ба душманат қудрати муқобилат кардан надорӣ, ночор бояд бо вай мадоро кунӣ», «Зафар вобаста на ба шумораи лашкар, балки ба ҳушёрӣ, мудаббирӣ, кордонии сипаҳбуд аст», «Ҳар як марди боҳунарро сад ҳасуди беҳунар дар қафост», «Дар чашми бадгумон ҳар ночиз ҳам чиз аст»...

Чунин суханҳои ҳикматнок ва амалиёти образҳои бадеӣ доираи дониш, тафаккур ва ҷаҳонбинии китобхонро васеъ мекунанд.

**Набия НОДИРОВА.**

# ДАРДИ ҶУДОӢ

(Ҳикояи воқеӣ)

Кӯчум ин саҳар чашмонашро дертар кушод. Паси тиреза боз ҳамон манзара: рафтуомади беҳисоби одамон, ғалаёни мошинҳо аз кӯчаи калон, биноҳои пасту баланди серошёна, қад-қади роҳ дарахтони қоматкашида, ки ҳоло шохаҳояшон пур аз барф аст. Аҷоиб манзарае дорад шаҳр!

Барфпӯш мондани шохаҳои дарахтон ва либосҳои ғафси одамон аз ҳукмрон будани ҳавои хунуки берун дарак медод. Ҳоло рӯзи дуюм аст, ки Кӯчум наметавонад сар боло кунад ва омадани раиси хонаи пиронсолонро бо чашми худ бубинад.

Ҷояш дар ошёнаи дуюм, дар пеши тиреза буд. Ҳар саҳар мехесту чанд муддат рафтуомади одамонро аз назар мегузаронд. Марде каме дуртар аз издиҳом ҷудо шуда, ба тарафи бино меомад. То дохил шудан ба сохтмон Кӯчум ӯро назора мекард. Чӣ ҳам мекард? Ҳоло ягона касе, ки ба ӯ ҳамрозу ҳамдард шавад, марҳами дарду ранҷи танҳоияш гардад, ҳамин мард аст – раиси хонаи пиронсолон. То замоне, ки Кӯчум рӯйиҷойӣ гашт, ҳар рӯзаш ба ҳамин зайл оғоз меёфт.

Инак, Кӯчум боз субҳ зуд чашм кушод. Якпаҳлу аз тиреза ба берун нигоҳ кард. Бо ин ҳолат фақат дуриҳои дур ба назар метофт. Ҳоло дар палата худаш танҳост. Яке аз ҳамраҳонаш қариб як моҳ пеш аз дунё чашм пӯшид. Дуюмиро бошад, кадом-яке аз хешонаш омада бурд. Хеле мехост дар канораш касе бошад, бо ӯ суҳбат кунад, арзи дил гӯяд.

Гаҳ-гаҳе дӯстони айёми ҷавониаш Даврону Бекназар ба дидорбинӣ меомаданд, вале гилаи Кӯчумро нашунида, бо чанд баҳона, аз қабили роҳ дур асту кор пур, зуд баромада мерафтанд. Дар ин дами кӯтоҳи дидор Даврон ба мисли пештара аз гапҳои шӯху ҳазломезаш мезад. Механдиданд ба гапҳои ӯ. Ҳар бори омадан ба назди ӯ Даврон ҳатман Бекназарро ҳамроҳ мегирифт. Каме аз ғӯлингу тутмавиз, қоқи себу шафтолу барои Кӯчум меовард. Бо ин лаҳзаҳои гарм Кӯчум овони бачагиашро ба хотир меовард, зодгоҳро хумор мекард. Ёду хаёлаш ӯро ба Зиҳноккӯҳ мебурд...

Солҳои сахти зиндагӣ, айёми тангдастӣ. Падару модараш пешу пас аз дунё гузашта, Кӯчумро бо додари сесолааш танҳо монданд. Парастории додар, пухтупази зиндагӣ ба дӯши Кӯчуми наврас афтид.

Хушбахтона, ҳамдеҳагон ба ӯ бефарқ нашуданд. Хӯроку нонашро бо навбат мерасонданд. Кӯчум ба ивази ин нағзиҳо молҳои ҳамдеҳагонро мечаронд, ба яке ҳезум меовард, ба дигаре ҳезум мекафонд, об мекашонд, бомҳоро аз барф сабук мекард.

Ҳар гоҳ аз кор озод мешуд, барои зимистон тутмавиз мечид, ғӯлингу қоқ, меваи хушк дар халта мегирифт. Дар адирҳои деҳа ҳамроҳи дигарон ҷуфт ронда гандум мекошт. Дар ин ҳама давутоз мудом ӯро додари сесолааш ҳамроҳӣ мекард. Гоҳ-гоҳ, вақте ки ба дараи Сариоб мерафт, додарро низ бо худ мебурд. Охир, ба кӣ гузорад ӯро?! Бе он ҳам ёрии ҳамсояҳо бисёр буд. Оре, кӯмаки беминнат доштанд ба ҳамдигар, ёрие ба ҳукми қонун – қонуни нонавишта.

Рӯзе раис ба Зиҳнок омад бо аҳволи гирифта. Ҳар як омадани ӯ хабари шуме дар пай дошт. Ин дафъа низ бо ҳарфи наҳс ҳамаро дилтанг сохт, гуфт, ки ҷанг сар шудааст. Немис ба мо ҷанг эълон кардаасту ҷавононро ба ҷабҳа мебурдаанд. Дар даст дафтар ҷавонони деҳаро ба рӯйхат гирифта, мӯйсафедонро ҳушдор дод, ки ҳамаро огоҳ кунанд.

Аз миён як ҳафта гузашту ҳамон раис дубора пайдо шуд. Замонраис ё Замонбобо меномиданд ӯро. Кораш фақат ҳарос афкандан дар миёни одамон буд. Солмандонро ҷамъ карда, хабарҳои шумашро мегуфт ва ҳарашро савор шуда мерафт. Ин бор Кӯчуми калонсолро низ фаро хонданд. Раис гуфт, ки ӯ низ ба рӯйхат афтодааст, бояд ба ҷанг равад. Дар поён ӯро интизоранд.

Замин сахт осмон баланд, Кӯчум ноилоҷ монда, аз дасти додараш мегирад ва ба раис арзи ҳол карданӣ мешавад. Ҳанӯз ҳарфе нагуфта, раис даҳонашро мебандад: "Дигар ба қафо роҳ нест, ҳама кор ҳал шудааст! Додаратро то Тошканд бо худ мебарӣ, дар он ҷо ба ятимхона медиҳанд". Кӯчум ва додарашро ҳамдеҳагон гусел мекунанд, аз ҳамон ҷо ба ҷанг меравад.

Дар Тошканд Кӯчум ҳамроҳи як нафар низомӣ додарашро ба дасти тоторзане, ки Сафия ном дошт, супорид. Сафия бо меҳрубонӣ бачаро қабул кард, номи ӯро дар дафтар сабт намуд. Он дам чунин гуфтугузор ба миён омада буд:

– Номи падарат чист?

– Расул.

– Номи додарат?

– Сафар.

– Чандсола аст?

– Чорсола.

– Хеле хуб, Расулов Сафар, соли таваллуд — 1937.

Пас аз ин бародарон аз ҳам ҷудо шуданд. Ҳамдигарро ба оғӯш кашида гиря карданд. Ба нолаю фиғони Сафар нигоҳ накарда, Сафия ӯро ба ошёнаи дуюм баровард. Бо ҳамин Кӯчум, гӯё аз ҷигарпорааш ҷудо мешуда бошад, беҳолона ба самти номаълум қадам бардошт. Худаш ҳам намедонист ба куҷо меравад, ба чӣ набарде...

Ба гуфтаи командиронаш, ба хотири озодӣ, барои ҳимояи Ватан, ба манзури дифоъи ору номус набардҳо кард. Ба мисли ҳазорон нафар бадбахтони майдони ҳарбу зарб тир парронд, тир хӯрд, гоҳе серу гоҳе гушна худро ба хандақ афканд, ба сели душманон зад, заҳри зақуми ҷанги Олмонро чашиду бо вуҷуди он ҳама тиру теғи рӯёрӯй зинда монд. Пас аз панҷ сол бо сари баланд ба зодгоҳ баргашт.

Кӯчум ба Тошканд омад. Хеле хурсанд буд, хаёлҳои нек аз сар мегузаронд: "Додарам ба нӯҳ медароянд, писари калон шудагист. Ӯро меёбам, ҳамроҳ ба деҳа меравем, ҳаёти нав сар мекунем". Бо ин андешаҳо шоду хуррам аз қатора фаромад, рост ба ятимхона рафт. Сохтмони дуошёнаи ятимонро ёфт, аммо онро саросар холӣ дид. На аз бачаҳо асаре буду на аз Сафия. Дилаш ба ҳавл омад, ба ин сӯву он сӯ давид, ҷустуҷӯ кард. Гуфтанд, Сафия ду сол пеш аз дунё гузаштааст. Бачаҳоро ба хонаводаҳои тошкандиён тақсим намудаанд.

Дар миёни дуду оташи ҷанги хунумонсӯз гашта, ҳар лаҳза бо ёди додар будан Кӯчумро ба ин рӯзҳо расонида буд. Ӯ доимо ҷавонмардона ҳис мекард, ки дар гарданаш вазифае ҳаст бузург – сарпарастии додари азиз, амонати ба ӯ супурдаи падару модар. Бо ин ҳадаф дубора ба майдони саъю талош даромад. Рӯйхати хонаводаҳоро пайдо кард. Ба ҷустуҷӯ даромад, аммо дурри мақсудро наёфт. Ба ҳар хонае, ки сар мехалонд, аз додаракаш дарак надоштанд, бо рӯҳи шикаста пас мегашт. Ноумед ба шаҳри худ омад...

То охирин лаҳза умедвор монд. Бовар дошт, ки рӯзе мерасаду додараш – ягона инсони азизаш дар ин дунё аз дар медарояд ва ӯро аз дунёи бекасӣ раҳо месозад. Ҳатман калон шудагист, хонадор шуда бача доштагист. Аммо, ба рӯйи худи ӯ бахт нахандид. Ду бор издивоҷ кард, вале фарзанд надид. Ҳоло яккаву танҳост, гӯё дар як иморат як худи ӯсту ашки пазмонӣ ва фироқ мерезад. Кӯчум мисли ҳамеша беовоз, сархаму мутеъ оби дида рехта, ба дари марг роҳ боз мекард. Болини ӯ аз ашки талхи фироқ, ноумедӣ, ҳасрат тар буд. Дар лобалои гиряҳои даруни сина ба худ суол медод: "Чаро қисмат ба дӯши ман ин бори сангинро афканд? Ман чӣ гуноҳе доштам?". Хеле мехост дар ин лаҳзаҳои дилтангӣ ҳамдеҳагони кӯҳистониаш дар наздаш бошанд, ҳатто ҳамон раиси шумхабар ҳам! Вале бо ӯ фақат танҳоӣ, танҳо ашкҳои сӯзони фироқ ҳамроҳӣ мекард...

Мисли ин ки овози по аз роҳрав ба гӯш мерасад, садои ошно... Аммо, нафаси Кӯчум то расидани ӯ аз қафаси сина берун рафта дигар барнамегардад...

**Нуруллоҳи НУТФУЛЛО,**
**омӯзгор.**
*Ноҳияи НУРАТО.*

*Таҳлил, танқид, таклиф*

# ДАР МАСКАНИ ЗИЁ БА ЗИЁНКОР ҶОЙ НЕСТ

***Дар роҳи равнақи таълими халқ корҳое, ки ба амал бароварда мешаванд, қобили қайд буда, ба дараҷаҳои баланд бардоштани он яке аз самтҳои устувори сиёсати давлатист. Ба назар чунин мерасад, то ин вақт ба мактаб ва муаллим ба ин дараҷа имконият ва имтиёзҳои гуногун дода нашуда буд. Омӯзгор, ки 10-20 сол пештар дар ҷамъият гӯё мавқеъ надошт, сари худ боло кард.***

Ба қавли донишмандон, бузургтарин неъмат – ин ақлу заковат, калонтарин мерос – тарбияи хуб, хавфноктарин иллат – бемаърифатист. Бинобар ҳамин азхуд кардани донишҳои замонавӣ, молик будан ба маърифат ва маданияти воқеӣ ба эҳтиёҷоти ҳаётии мо табдил меёбад. Аз боғчаи бачагона то муассисаҳои таълими олӣ – дар ҳамаи зинаҳои таълим дигаргуниҳо ба назар расида, стандартҳои омӯзиш дар асоси таҷрибаи пешқадам такмил дода мешаванд. Баробари самтҳои таълим зарур будан ё набудани предметҳо дида баромада шуда, фанҳое, ки ба ихтисоси аниқ алоқа надоранд, ихтисор карда мешаванд. Чунончи, дар таълими олӣ ду баробар коҳиш додани миқдори ин гуна предметҳо ба нақша даромадааст.

Соли 2015 ҳамагӣ 4950 муассисаи таълими томактабӣ вуҷуд дошта, аз онҳо 145 хусусӣ буданд. Соли 2019 миқдори боғчаҳои бачагонаи давлатӣ, хусусӣ ва оилавӣ ба 5 ҳазору 722-то расид. Аз ҳамин ҳисоб дараҷаи ба таълими томактабӣ фаро гирифтани фарзандон дар давоми як сол аз 38 то 52 фоиз боло рафт.

Умуман, соли 2019 дар таълим дигаргунӣ ва пешравиҳо хеле назаррас буданд. Дар шакл ва мазмуни тамоман нав 4-то Мактаби президентӣ, 3-то мактаби эҷодӣ ба фаъолият шурӯъ сохт. 19-то муассисаи нави таълими олӣ, аз ҷумла, 9-то филиали дорулфунунҳои хориҷӣ кушода шуд. Таҳти ҳамкорӣ бо 160 дорулфунуни пешбари хориҷӣ омодасозии кадрҳо аз рӯи 141-то барномаи таълимии муштарак ба роҳ гузошта шуд. Ба муассисаҳои таълими олӣ 146 ҳазору 500 нафар ё худ назар ба соли 2016 ду баробар зиёд донишҷӯ қабул гардид.

То солҳои наздик аксарияти томи муассисаҳои таълимӣ, хусусан, дабистонҳои таълими умумӣ воқеъ дар деҳот ба талаботи замонавӣ ҷавобгӯ набуданд. 26 ноябри соли 2019 қарори Президент «Дар бораи чораҳои ташкил намудани «мактабҳои замонавӣ» ба имзо расид. Зимнан, мактабҳое, ки медонем ва дар онҳо фанҳои замонавӣ таълим дода мешаванд, ҳанӯз ба дараҷаи пурра «мактабҳои замонавӣ» нестанд. Ин гуна муассисаҳо, ки ба маънои ҳақиқӣ замонавианд, акнун барпо карда мешаванд. Параметрҳои асосии то соли 2021 ба «мактабҳои замонавӣ» табдил додани 3 фоизи дабистонҳо ба нақша гирифта шудааст. Замонавигардии мактабҳо то соли 2025 – 20 фоиз, то соли 2030 – 50 фоизро ташкил хоҳад намуд.

Тӯли се соли охир бошад, дар мамлакатамон 160 мактаби таълими умумӣ сохта шуд. Бо ҷиҳози замонавӣ таъмин карда шудани боргоҳҳои маърифат низ қобили қайд.

Соли 2020-ум барпо шудани 36 мактаби нав дар мадди назар аст, ки ин 1,7 триллион сӯм маблағро талаб менамояд. Айни замон аз таъмири пурра баровардани 211 мактаб дар нақша ҳаст. Ба хусусӣ гардондани муассисаҳои таълимӣ эътибор пурзӯртар мегардад. Ин гуна боргоҳҳои таълим ба 141 адад хоҳад расид.

Яке аз навидҳои шоён дар соҳа – муносиб рағбатноксозии меҳнати ходимони соҳаи таълими халқ, хусусан, омӯзгорон. Тӯли се соли охир музди меҳнати муаллимон ба ҳисоби миёна 2,5 баробар зиёд гашт. Муаллимоне, ки ба ҷойҳои дигар рафта кор мекунанд, алоҳида ба ғамхорӣ фаро гирифта мешаванд. Дар ҷои дигар кор кардан, албатта, мушкилоти ба худ хос дорад. Пештар, баъди хатми донишкада, муаллимони ҷавон бо роҳхат ба ноҳияҳои дурдаст фиристода мешуданд. Ҳоло мешавад, ки муаллимони ҷавон бо хоҳиши худ ба ҷойҳои дигар рафта кор кунанд. Ҷорӣ шудани рағбатноксозии иловагӣ ба меҳнати педагогҳое, ки ба ҳудудҳои дурдаст рафта кор мекунанд, албатта, аз рӯи адолат.

Муаллиме, ки 15-20 сол пештар маоши кам мегирифт, моҳонааш ба як ё ду ҷувол орд мерасиду халос, имрӯз хушрӯзгор. Омӯзгороне, ки аз таҳти дил меҳнат ва ба натиҷаҳои хуб ноил мешаванд, аз ин ҳам зиёдтар рағбатнок карда мешаванд. Мо низоми пардохти мукаммали меҳнатро барои омӯзгороне, ки маҳорати баланди педагогӣ ва ихтисоси дахлдор дошта, дар фаъолияти худ ба натиҷаҳои мушаххас ноил гардидаанд, ҷорӣ менамоем, гуфт Президент. Аз ин мебарояд, таъминот дар таълими халқ боз ба дараҷаҳои баланд баромада, онҳое, ки аз ин беҳтар кор мекунанд, аз ин бештар рағбатнок гардонда мешаванд.

Имрӯзҳо дар системаи таълими халқ зиёда аз 450 ҳазор муаллимон фаъолият мебаранд, ки аз онҳо 371 ҳазору 392-тояшон соҳиби маълумоти олӣ мебошанд. Бо вуҷуди тамоми алоқамандони соҳа инро қалбан ҳис ва худро сарфароз ҳисоб мекунанд? Ҳамаи 450 ҳазор ҷавобан ба ин эътибор усули кори худро тағйир доданд? Афсӯс. Вазири таълими халқ Ш.Шерматов дар суҳбате иқрор гашт, ки сифати таълим дар бисёр маърифатгоҳҳо қонеъкунанда нест. Роҳбари саридораи таълими халқи вилояти Самарқанд С.Усмонов қайд кардааст, дониш, малака, маҳорати омӯзгории омӯзгоронеро, ки ба курси такмили ихтисос омадаанд, аз санҷиш гузарондем, натиҷа паст ва ҳатто ташвишангез. Санҷиш дар ҳаҷми фанҳои таълими умумии синфи 11, дар асоси маводҳои таълимие, ки муаллимон дарс медиҳанд, сурат гирифт. Дар он фақат муаллимони соҳиби маълумоти олӣ иштирок карданд. 6 фоизашон баҳои «5», 20 фоизашон «4», 33 фоизашон «3» гирифтанд. Дониши 41 фоизашон ғайриқаноатбахш ҳисобида шуд. С.Усмонов боз мегӯяд: «Акнун холисона гӯед, аз муаллиме, ки барномаи мактабиро намедонад, чиро чашмдор шудан мумкин? Муаллим бо маълумоти олӣ диктант навишта натавонад, тақдири фарзандонамонро ба ин гуна омӯзгорон чӣ тавр бо боварӣ супурдан мумкин? Ба ин кадом падару модар розӣ мешавад? Ин, пеш аз ҳама, ба касб, ба ояндаи авлод хиёнат нест?!»

Мо, албатта, гуфтанӣ нестем, ки мактабҳоямон равшан ва барҳаво шуданду чароғи маърифат дар онҳо хирасӯз. Комёбиҳо, албатта, ҳастанд. Дар озмун ва олимпиадаҳои фанние, ки байни мактабиён дар миқёси байналхалқӣ сурат мегиранд, ҷойҳои намоёнро ишғол кардани фиристодагони мо далел аз рушди таълим дар кишвар. Аммо чаро омӯзгороне, ки дар миқёси мамлакат ном баровардаанд, башумор? Мисолан, аз як ноҳияи дурдасти Сӯх бист-сӣ сол пештар чанд муаллими номдор, аз қабили муаллимони халқӣ А.Абдусаломов, О.Иброҳимов, Ходими шоистаи таълими халқ С.Эрназаров ва ҳоказо дар соҳа ташаббусҳои наҷиб нишон дода, дар ҷумҳурӣ шинохта шуда буданд.

Дар мактабҳо ҳанӯз лабораторияҳои таълимии физика, кимё ва биология намерасанд ё ҷиҳози онҳо кӯҳна шудаанд, 62 ҳазор синфхона бо ҷиҳози нав ва замонавӣ таъмин нест, 7 ҳазор компутер намерасад... Маблағи зиёд талаб мекунанд ин корҳо. Вале ҳар гуна маблағ дар роҳи бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳсозии авлоди ҷавон дареғ дошта намешавад. Дилхоҳ набудани самара дар соҳа бошад, дилро хиҷил менамояд. Соли гузашта аз 57 ҳазор омӯзгорон, ки аз аттестатсия гузаронида шуданд, 43 фоизашон холҳои хеле паст гирифтанд. Ин далели дар соҳа вуҷуд доштани ҳазорҳо омӯзгорони тасодуфӣ нест?

Вақти он расида, ки дар мактаб фақат шахсони ба номи шарафноки омӯзгор сазовор кор кунанд.

Нисбат ба дигар соҳаҳо дар сохторҳои таълим, тиббиёт ва сохтмон бештар бавуқӯъоии ҳолатҳои ба коррупсия алоқаманд ба аксарияти мо маълум. Ҳолатҳои бо пора ба мактабҳои олӣ дохилшавиҳо ҳанӯз пурра барҳам нахӯрдаанд. Назар ба таъкиди директори Маркази тести ҷумҳурӣ М.Каримов, донишҷӯён дар ҷараёни дарс соле ба 150-160 вазъи бо коррупсия алоқаманд дучор меомадаанд, ки ин хеле ташвишангез. Хӯш, дабистонҳои таълими умумӣ аз ин гуна иллат холӣ? Муаллимоне, ки аз болои худ кор мекунанд, таҷрибаҳои пешқадамро омӯхта, онҳоро дар дарсҳояшон ҷорӣ сохта, шогирдони сазовор мебароранд, ҳамеша ҳам холисона рағбатнок гардонда мешаванд? Ё дили директорро ҳам ёфтан зарур? Назар ба хабарҳое, ки мерасанд, баъзе роҳбарони мактабҳо ҳамеша дар ташвиши «ба ҷониби кулчаи худ кашидани алав», яъне шиносу хешутаборбозӣ. Таҳлили маҷмӯии дарсҳоро нафаҳманд ҳам, «дастпарвари мактаби коррупсия», ки ҳастанд, то «ҳисса»-и худ нарӯёнанд, мукофот ё иловапулӣ наменависанд.

Муаллим ва мураббӣ барои мо намунаи ибрат, тимсоли фазилатҳои волои инсонист, таъкид сохтааст роҳбари давлат. Мехостем дар таълим ва тарбия онҳое, ки дар маскани муқаддас – мактаб меҳнат мекунанд, барои ҳама аз ҳар ҷиҳат намуна бошанд.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик».**

***Бо ҳамкории ҳокимияти вилоят, садорати таълими халқи вилоят ва шуъбаи вилоятии Иттиҳоди нависандагон байни талабагони синфҳои 9-11-и муассисаҳои таълими умумӣ таҳти унвони «Барои оянда муттаҳид шавем» озмуни корҳои эҷодӣ эълон гардида буд.***

# ҒОЛИБОНИ ОЗМУН — МУАЙЯН

Он дар ду равия: ҳикояи беҳтарин ва шеъри беҳтарин то 30 апрел аз тариқи телеграм сурат гирифт.

Ба ҳайати доварон 252 ҳикоя ва 324 шеър дастрас гардид. Дар равияи назм ҷои аввал ба хонандаи синфи 9-уми мактаби рақами 2-юми ноҳияи Ромитан Амира Тоҷиддинова, ҷои дуюм ба толибаи синфи 11-и мактаби рақами 4-уми ноҳияи Шофиркон Диёра Мустафоева, ҷои сеюм ба шогирди синфи 9-уми мактаби рақами 22-юми ноҳияи Ҷондор Мафтуна Мӯъминова насиб кард. Дар равияи наср ҷойҳо ба шогирди синфи 11-уми мактаби рақами 42-юми ноҳияи Бухоро Мафтуна Раҳматова, толибаи синфи 10-уми мактаби рақами 3-юми ноҳияи Шофиркон Шаҳноза Насруллоева ва хонандаи синфи 9-уми мактаби рақами 18-уми ноҳияи Вобканд Нурбек Нутфуллоев муносиб дониста шуд.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Бухоро.**

# ҶИЛОҲОИ СЕҲРНОКИ САФОЛ



*Риштон аз гӯшаҳои зебои водии Фарғона буда, аз азал чун маскани кулолгарӣ шинохта шудааст.*

*Маҳсулоти кулолие, ки аз ҷониби устоёни риштонӣ омода карда мешаванд, бо дизайн, рангҳои табиӣ ва нақшҳои миллӣ бартарӣ доранд. Ашё ва миниатюраҳои кулолии Риштон, ки дар дуконҳои Бухоро, Хоразм, Самарқанд барин шаҳрҳои қадимӣ ба фурӯш гузошта мешаванд, сазовори эътибори сайёҳони хориҷӣ буда, талаб нисбати ин гуна намунаҳои санъат торафт меафзояд.*

*Ба кадом устохонаи кулолии Риштон ворид нашавед, мебинед, ки кулолон бо завқ меҳнат мекунанд ба таъбире даст ба дасташон намерасад. Дар тасарруфи ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Rplyos koron», ки соҳибкори риштонӣ Равшанбек Тоҷиддинов роҳбарӣ менамояд, маркази кулолии «Корон» ташкил карда шудааст.*

*Нақшҳои серҷило, ки дар 200 навъ маҳсулоти кулолгари ин ҷо насб мегарданд, ҳамаро мафтун менамоянд.*



***Дар сурат:** дар маркази кулолии «Rplyos koron»-и воқеъ дар маркази ноҳияи Риштон.*

***Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ЎзА).***

# “ОЗОДЛИК” ЧАРО ДУРӮҒ МЕГӮЯД?

***Ҳокимияти вилояти Фарғона аз хабарҳое, ки бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ” пахш мекунад, ибрози норизоӣ кардааст. Тавре ки сухангӯи ҳокимияти вилоят Муҳаммадҷон Обидов мегӯяд, ин радио ҳамеша ба Ӯзбекистон туҳмат мекунад ва ҳодисаву воқеаҳоро бо ғараз пахш менамояд.***

Дар як нома ба унвони мудири бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ” гуфта мешавад, ки бо саъй ва талоши Президенти Ӯзбекистон ва Иёлоти Муттаҳидаи Амрико муносибатҳои ду мамлакат беш аз пеш таҳким меёбад. Аммо хабарнигорони бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ”, ки дар маҷмӯъ аз тарафи Вазорати корҳои хориҷии ин кишвар таъмини молӣ мешавад, маълумотҳои собитнашуда, дурӯғ ва дур аз ҳақиқатро нисбати Ӯзбекистон пахш мекунанд ва ҷанги иттилоотиро алайҳи кишвари мо идома медиҳанд.

“Инро дар мисоли вилояти Фарғона дидан мумкин аст. Масалан, 15 октябри соли 2019 бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ” хабаре пахш намудааст, ки тибқи он гӯё коргарони корхонаи “Фарғонаазот” ба таври маҷбурӣ ба ҷамъоварии пахта ҷалб карда шудаанд. Аммо дурӯғ будани ин хабар собит гардид”, омадааст дар ин нома.

Ҳамчунин дар номаи расмии ҳокимияти вилояти Фарғона ба унвони бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ” тазаккур ёфтааст, ки ин хабар фавран мавриди бозҷӯӣ қарор гирифт ва маълум шуд, ки хабари дурӯғ ва беасос мебошад.

“Аъзои иттифоқи касаба ва ҷомеа ин иқдоми бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ”-ро маҳкум намуданд ва талаб карданд, ки радио перомуни ин хабари худ раддия нашр намояд. Вале журналистони радио ба тамойилҳои қонунҳои байналмилалӣ риоя нанамуданд ва аз коргарону хизматчиён, иттифоқи касабаи “Фарғонаазот” барои хабари дурӯғини худ маъзарат нахостанд” қайд шудааст дар ин нома.

Бино ба навиштаи дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят чунин ҳол 11 майи соли 2020 низ дубора ба вуқӯъ пайваст. Гуфта мешавад, ки бахши ӯзбекии радио ҳамон рӯз мақолаеро таҳти унвони “Дар шӯъбаи корҳои дохилии шаҳри Қувасой бар асари шиканҷа маҳбус дар бемористон ҷони худро бохт” мунташир кардааст.

“Бозҷӯиҳо аз рӯи ин мақола маълум намуд, ки он комилан дурӯғу беасос, туҳмати хушку холист ва ба ҳақиқат рост намеояд. Ба ибораи дигар аз тахрибкорӣ ё провокатсия беш нест. Хадамоти ахбори ҳокимияти вилояти Фарғона фавран дар ин бора вокуниш нишон дод. Ва аз бахши ӯзбекии радио раддия тақозо намуд. Журналистони “Озодӣ” фаҳмиданд, ки хатои калон содир кардаанд, дарҳол ин мақоларо аз вебсайти худ берун намуданд. Вале мувофиқи қонунгузориҳои байналмилалӣ ҳанӯз раддия эълон накардаанд ва аз идораҳои давлатӣ ва шахсони масъуле, ки барояшон зарари маънавӣ расонидаанд, маъзарат нахостаанд”, омадааст дар номаи ҳокимияти вилояти Фарғона .

“Бар ин асос эътимоди қавӣ дорем, ки саъй ва ҳаракатҳои ходимони бахши ӯзбекии радиои “Озодӣ” мавриди бозҷӯӣ қарор мегирад ва аз нигоҳи ҳуқуқӣ арзёбӣ карда мешавад. Ҳамчунин бо нашри раддия ба ин масъала хотима медиҳад”, қайд гардидааст дар номаи ҳокимияти вилояти Фарғона ба унвони мудири бахши ӯзбекии радиои «Озодӣ».

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири “Овози тоҷик”.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

***Имрӯз ҷаҳониён дар вазъияти пуртаҳлука қарор доранд. Касе намондааст, ки ҳар рӯз чандин маротиба калимаҳои “коронавирус”, “карантин” ё “пандемия”-ро нашунида ё зикр накарда бошад. Мувозинати иқтисодӣ, сиёсӣ ва дигар ҷанбаҳои сохтори ҷаҳонӣ тағйир меёбанд. Мамлакатҳои абарқудрат ҳам айни ҳол дар мубориза бар зидди пандемия душворӣ мекашанд.***

# ИН ҲАМ МЕГУЗАРАД...

Дар таърихи инсоният ин якумин чунин офат нест. Дар асри XIV офати “Марги сиёҳ”, асри XVII эпидемияи бузурги вабо ва ҳоказо боиси марги миллионҳо одамон гаштаанд. Агар “Ёддоштҳо”-и устод Садриддин Айниро хонем, мебинем, ки ӯ маҳз ба сабаби офати сироятӣ ятим мондааст. Ҳамчунин, солҳои 1918-1919 зуккоми испанӣ сабабгори фавти миллионҳо одамон шуда буд.

Ҳаёт дар як ҷой намеистад. Дар ҷумҳурии мо аз тарафи ҳукумат барои ҳатталимкон кам намудани таъсири пандемия ба тамоми ҷабҳаҳои ҳаёт, минҷумла, ба соҳаи таълим тамоми чораҳо дида мешаванд. Ҳамаи низоми таълими миёна ба шакли масофавӣ гузаронида шуд, ҷараёни таълим билвосита, тавассути шабакаи интернет сурат мегирад. Бо назардошти он, ки ҳоло дар республикаамон миқдори видеодарсҳо ба забони тоҷикӣ хеле кам аст, муаллимон маводи таълимиро дар шакли сабт ба донишомӯзон равона мекунанд, дар баъзе ҳолатҳо тавассути иловаи Zoom дарс ба шакли онлайн мегузарад. Дар мактаби мо шакли электронии пеш бурдани журнали синф ҷорӣ шуда, ҳар як донишомӯз ё волидайни ӯ метавонад ба таври доимӣ аз баҳоҳои худ хабардор шавад. То ҳол тамоми дарсҳо ба шакли масофавӣ гузаронида шудаанд, донишомӯзон низ аллакай ин услубро мақбул донистанд. Ин албатта, чораи маҷбурист, зеро мулоқоти зинда бештар самаранок аст. Вале бо назардошти ҳолати бавуҷудомада чунин ташаббусҳо роҳандозӣ шудаанд. Умед аст, ки аз ин санҷиш мо ҳама бо сари баланд мегузарем. Ташаббусҳои саривақтии ҳукумат эътимоди моро қавитар месозад.

**Рухшона АБДУҚОДИРОВА,**
**муаллимаи мактаби миёнаи рақами 17,**
**шаҳри Ангрен.**

*САБАҚИ ОНЛАЙН*

# ҲАМЕША БО ШОГИРДОН ДАР АЛОҚА

***Инак, наздикии ду моҳ аст, ки шогирдони мактабҳои таълими умумӣ бо сабабҳои барои ҳамагон маълум дар хона нишастаанду ҷараёни омӯзиши онҳо ба таври таълими масофавӣ сурат мегирад. Ёдрас бояд намуд, ки ин ҷараёни таълим дар мактаби рақами 67-уми ноҳияи Сариосиё низ дар қатори дигар мактабҳои таълимии ноҳия бо сифати баланд ба роҳ монда шудааст.***

Ҳоло дар мактаб 25 нафар устодони фидоиву соҳибтаҷриба ба 210 нафар шогирдони мактаб сабақ меомӯзанд.

Аз он рӯзе, ки карантин эълон шуду мактаби онлайн барқарор гардид, ҳамаи омӯзгорон ва махсусан роҳбарони синфҳо баҳри аз дарс дур накардани шогирдон, ки ҳоло дар хона нишастаанд, ба таври онлайн вазифаҳо дода истодаанд ва ин ҳолати дарсгузарӣ аз тарафи маъмурияти мактаб низ назорат карда мешавад. Метавон омӯзгоронеро ном бурд, ки баҳри иҷрои вазифа, ташкили дуруст ва самарабахши мактаби онлайн ҳиссаи босазо гузошта истодаанд. Н.Холиқов, З.Холиқова, М. Бойева, Л. Холиқова, К. Ғойибов, Ш. Олтиева ва дигарон пайваста мекӯшанд, ки хонандагон дар вақташ дарсу вазифаҳоро иҷро карда, баҳри васеъ намудани илмашон дар ҷустуҷӯ бошанд.

Бояд гуфт, ки дар таълимгоҳи мо бо вуҷуди тарзи онлайн сурат гирифтани дарсҳо байни хонандагон таҳти шиори «Дар хона бимонед!» ва «Панҷ ташаббус дар давраи оила» ва машғулотҳои варзишии тарбияи бадан (бо роҳбарии омӯзгор Нуриддин Холиқов) чорабиниҳо ба роҳ монда шудаанд, ки дар онҳо шогирдон фаъол мебошанд ва дар хона нишаста баҳри саломатии худ ҳамеша дар ҳаракатанд. Ҳамаи машғулот бино бар ҷадвали дарсӣ сурат мегиранд.

**Хадича ҲАКИМОВА,**
**омӯзгори мактаби рақами 52-юми ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё.**

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-535. Адади нашр 793, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 00.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.